# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар мавзуи «Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия») барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2025. – 25 саҳ.**

Таҳқиқу баррасии осори илмию адабии адибони классики форсу тоҷик яке аз ҳадафҳои нодир дар забоншиносии имрӯзи тоҷик ба ҳисоб меравад. Бо назардошти ин, муҳаққиқони соҳа нисбат ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, масъалаҳои мубрамро дар доираи корҳои илмӣ мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор дода истодаанд. Масалан диссертант Зоирзода Холмурод, ки кори илмиаш ба вижагиҳои забонӣ ва услубӣ, хосса корбурди вомвожаҳои осори насрии адиби соҳибқаламу суханвари тоҷик Ҳусайн Воизи Кошифӣ бахшида шудааст, аз ҷумлаи онҳост.

Муҳаққиқ дар фишурдаи диссертатсия қайд менамояд, ки «Дар байни эҷодкорони қарни XV Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо таълифу тадвини асарҳои илмиву бадеӣ ва таълимиву тарбиявии хеш манзалату шаҳомати адабиёти бадеии форсу тоҷики қарни XV-ро хеле ғанӣ гардонидааст ва то ба имрӯз ин таълифот ба ӯ шуҳрати оламшумул бахшидааст. Ҳамчунин ёдовар мешавад, ки осори нотакрори ӯ, пеш аз ҳама, дар корбасти забони шевою гуворои ӯст» (Фишурда, саҳ. 4).

Ҳарчанд, ки то имрӯз роҷеъ ба ин осори арзишманди Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз тарафи муҳаққиқоне, амсоли Қурбон Восеъ ва муҳаққиқи ҷавон Саъдуллозода Умед таҳқиқоти иҷмолӣ анҷом дода шуда бошад ҳам, вале ғафовутҳои кори илмии диссертант Зоирзода Холмурод дида мешавад, ки дар забоншиносӣ таҳқиқоти наву тоза мебошад.

Кори таҳқиқотӣ аз ҷиҳати сохтору муҳтаво фарогири муқаддима, се боб, понздаҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт мебошад. Ҳамчунин, баъзе аз фаслҳо ба зерфаслҳо тақсим шудаанд, ки ба пуррагии мазмуну муҳтавои корро нишон медиҳанд.

Дар **муқаддима** чун анъана аҳамият ва дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқшаванда асоснок шуда, объект, мақсад, вазифа ва фарзияҳои диссертатсия аз ҷониби диссертант пешниҳод гардида, нуктаҳои асосии дар диссертатсия қароргирифта, навгонии илмӣ, арзиши назариву амалии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ва ғайра баён шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия «Вомвожаҳои осори насрии Кошифӣ ва вижагиҳои забонии онҳо» ном дошта, аз се фаслу чор зерфасл иборат аст. Диссертант дар ин бахши кори худ таҳқиқу омӯзиши вомвожаҳои арабӣ ва мавқеи онҳо дар таркиби луғавии забони форсии тоҷикиро дар асоси маводи осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Ин аст, ки диссертант роҷеъ ба таҳқиқу баррасии вомвожаҳои арабӣ ва мавқеи онҳо дар забони тоҷикӣ чунин ақидаро пеш гузоштааст: «Вомвожаҳои арабӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар муддати тулонӣ хеле фаровон иқтибос гардида, то андозае аз асли худ хеле дур рафта, ба тағйироти ҷиддии забонӣ дучор омадаанд, ки онҳоро тавассути як идда нишонаҳои савтӣ, сарфӣ ва маънояшон дар иҳотаи вожаҳои дигар фарқ карда меистанд» (Фишурда, саҳ. 11). Амсоли калимаву таркиботи иқтибосии арабии **баъд, ҷамъ, маъқул, муъмин, мунис**, ки дар забони тоҷикии имрӯза низ серистеъмоланд.

Дар қисмати хотимавии ин бахши кор диссертант дар баробари таҳқиқи калимаҳои иқтибосии арабӣ аз иқтибосоти ғайриарабие ёдовар мешавад, ки аз диди ӯ дар осори адиб мавқеи вижа доранд ва онҳоро то қадри имкон мавриди таҳқиқу баррасӣ низ, қарор додааст, чун **вомвожаи туркӣ** (бағро, ялак, туғмоқ), **вомвожаи юнонӣ** (манҷаниқ, номус, ёқут, қонун) ва **вомвожаи ҳиндӣ** (карбос, гов).

Дар **боби дуюми** диссертатсия вижагиҳои луғавии вомвожаҳои осори насрии адиб мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор гирифтааст. Ин бахш аз

шаш фасл таркиб ёфта, ҳар як фасли он ба мавзуъ алоқаманд мебошад ва пурра мазмуну мухтавои корро фаро мегиранд. Дар ин баробар бояд иброз намуд, ки диссертант дар ин бахши кор доир ба калимаҳои иқтибосии арабӣ аз ҷиҳати ифодаи маъноӣ, хосса вижагиҳои синонимӣ, антонимӣ, омонимӣ ва ифодаҳои маҷозӣ – воҳидҳои фразеологии бо ҷузъи арабии онҳо таткиқот гузаронида, кори ин бахшро ба анҷом расонидааст, ки кори наҷибу арзанда аст.

Вобаста ба боби **сеюми** диссертатсия бошад, метавон гуфт, ки муҳақиқ онро «Вижагиҳои сохтории вомвожаҳои осори насрии адиб» номгузорӣ намуда, дар асоси он андешаҳои илман асоснокшуда баён намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки калимаҳои иқтибосии арабии осори мансури Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз ҷиҳати сохту таркиб мутафовит аст ва онро ба вомвожаҳои сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ тақсимбандӣ намуда, таҳқиқоти муфассал ба анҷом расонидааст. Роҷеъ ба ин муҳаққиқ чунин андеша дорад: “Вомвожаҳои сохтаи осори мансури адиб ба гурӯҳи калимаҳои сохтаи забони адабиамон дохил гардида, васлшавии сунъии решаву вандҳо набуда, дар он ҷузъҳо ё компонентҳо ба ҳам аз нигоҳи маънӣ созгоранд ва мувофиқати маъноии асосу ванд ба онҳо шароит фароҳам меорад, ки ба ҳам васл шуда, маънои наве пайдо кунанд, ки ба маънои ҳам асос ва ҳам дар калимаҳои сохта равшан зоҳир мешавад” (Фишурда, саҳ. 19).

Хулосаи кори таҳқиқотӣ дар 15 банд оварда шуда, муҳимтарин натиҷаҳои пажӯҳишро нишон медиҳад. Дар ин баробар масъалагузорӣ, муҳокимаҳо, натиҷагириҳои муаллиф ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот гувоҳи онанд, ки муҳаққиқ мавзуъро хуб медонад ва дониши кофӣ ба ӯ имкон додааст, то масъалаҳои дарпешгузоштаашро ба хубӣ ҳаллу фасл намояд.

Забони фишурдаи кор ҳам сазгори таҳсину офарин аст ва аз нигоҳи услуб, риояи қоидаҳои грамматикӣ, имлоӣ ва китобат тақрибан орӣ аз ғалату каҷравиҳо мебошад. Агарчӣ дар фишурда ҷо-ҷо ғалатҳо ба чашм

мерасанд, онҳо он қадар ҷиддӣ нестанд ва бештар бар ғалатҳои имлоиву китобат мансубанд. Вуҷуди ин ғалатҳои камшумор бошад, дуввумдараҷа буда, арзиши аслии корро пойин намебарад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии **Зоирзода Холмурод Сафаралӣ** дар мавзуи **«Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешгузоштаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо комилан ҷавобгӯй аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти
кафедраи забон ва адабиёти
тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара Раҳмоналиев Ҷ.Х.

**Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ
**Тел.:** дастӣ (+992) 902 44 44 85.
**E-mail:** rovidon@bk.ru

"Имзои номзади илмҳои филологӣ,
и.в. дотсенти кафедраи забон ва
адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии
Данғара Ҷ.Х. Раҳмоналиевро тасдиқ мекунам"
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

**Нишонӣ:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ
Донишгоҳи давлатии Данғара
**Тамос:** (+992) 902 44 44 85.
**E-mail:** rovidon@bk.ru
"11" марти соли 2025